# Шарҳи як номвожаи суғдӣ – Саразм

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 7 Декабр, 2020 - 15:02 *муаллиф - Раҳим Зулфониён*

Пас аз истиқлолияти давлатӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, қайд менамояд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз вазифаҳои асосии ҳар як давлат - ҳифзи асолати миллӣ, забон, фарҳанг, аз ҷумла, ёдгориҳои таърихӣ мебошад ва ин мухтаво дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муқаррар шудааст. Маҳз бо ҳамин сабаб, Саразм, ки яке аз нахустин ёдгориҳои давраи ориёӣ ва намунаи беҳамтои ин тамаддун дар Суғд мебошад, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №391 аз 21-уми сентябри соли 2000 ҳамчун маркази ташаккулёбии фарҳанги кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон мамнуъгоҳи таърихӣ-бостоншиносӣ эълон гардид. Баъдан,... ҳангоми ташрифи худ Пешвои миллат ба Саразми Бостон солҳои 2003 ва 2005, ба ин шаҳри қадима чунин баҳо додаанд: «Саразм - хазинаи тиллоии таърихи халқи тоҷик мебошад» (10, 34).

Ин икдоми нек ва хирадмандонаи Пешвои миллат ҳар яки моро водор менамояд, то аз тамаддуне, ки ҳанӯз дар ҳазорсолаи IV-III қабл аз мелод саразмиёни бостон ба мо - тоҷикон мерос гузоштаанд, баҳрабардорӣ намуда, дар ҳазорсолаи III мелодӣ аз пайи боло бурдани эътибору нуфузи иқтисодию фарҳангии Тоҷикистон дар миқёси чаҳон бошем.
Хуллас, Саразм бо бозёфтҳои нодир, бо таваҷҷуҳи хосаи бостоншиносии ҷаҳонӣ дар байни ёдгориҳои аҳди қадим ҷойгоҳи хосаи худро соҳиб гаштааст ва ҳамасола мавриди назари олимон ва сайёҳон аз тамоми гӯшаву канори дунё қарор мегирад.
Аҳамияти муҳимми Саразмро ба назар гирифта, Пешвои муаззами миллат - Эмомалӣ Раҳмон соли 2020-ро соли ҷашнгирииии 5500-солагии Саразми бостонӣ ҳамчун маркази ташаккули тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон эълон намуданд, ки ин боз як нишони бузурги арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихии миллати тоҷик мебошад. Пешвои миллати мо бо арҷгузорӣ ба таъриху тамаддуни милати мо ҷиҳати куҳанбунёдиву таърихан қадима будани минтақаи Саразм барҳақ гуфтаанд: «Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки бозёфтҳои маданияти қадимаи халқи тоҷик ба ҳазорсолаи чоруми то милод мансуб буда, аввалин шаҳрҳову нахустин давлатҳои таърихии мо дар ҳамин сарзамин ба вуҷуд омадаанд, ки намунаи беҳтаринашон шаҳраки қадимаи Саразм меебошад» (10, 34).
Саразм ягона ёдгории аҳди энеолит ва ибтидои асри биринҷӣ дар Мовароуннаҳр буда, ба миёнаи ҳазорсолаи IV ва ибтидои ҳазорсолаи III то мелод мансуб аст, ки дар ин давра тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон ташакул ёфтааст.
Дар омӯзиши таърихи чандинхдҳазорсолаи халқи тоҷик нақши олимони ватанию хориҷӣ, махсусан, бостоншиносон хеле бориз мебошад. Илми бостоншиносии тоҷик умуман, аз солҳои 30-юми асри гузашта рӯ ба ташаккул ва рушд ниҳодааст. Дар ин ҷода хизмати таърихшиноси бузург Б. Ғафуров ва асосгузорони илми бостоншиносии кишвар А.Ю. Якубовский, М.М. Дяконов, А.М. Белинитский, Б.А. Литвинский, В.А. Ранов ва даҳҳо нафари дигар хеле бузург аст. Маҳз хизматҳои арзандаву шоёни онҳо буд, ки тоҷикон аз гузаштаи таъриху тамаддуни ниёгони хеш бархурдоранд. Дар қатори чунин олимони намоён, муаррих ва бостоншиноси варзидаи асри XX, доктори илми таърих, профессор Абдуллоҷон Исҳоқов мақоми хоса дорад. Дар ин корҳои хайр кашфиёти деҳшаҳри Саразм (1976) дар омӯзиши таърихи қадимтарини Панҷакент мавқеи асосиро ишғол мекунад.
Саразм деҳшаҳри асрҳои сангу мису биринҷӣ буда, дар ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз мелод ташаккул ёфтааст. Вай аввалин ва қадимтарин маскани шаҳрнишини бани одам дар сарзамини Мовароуннаҳр ба шумор меравад. Ҳафриёти он ба мо имконият медиҳанд, ки зинаҳои аввалини таърихи Панҷакенти Суғдро омӯзем, зеро сокинони Саразм асосгузорони фарҳанги кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ, тиҷоратӣ, меъморӣ, маъдангудозӣ ва касбу ҳунарҳои дигар буданд. Маҳз дар ин асос, метавон гуфт, ки суғдиён халқи қадимтарини водии Зарафшонанд.

Соли 1976 таърихи водии Зарафшон саҳифаҳои нави худро боз мекунад. Яъне шаҳраки қадимаи суғдиён - Саразми Бостон аз тарафи Абдуллоҷон Исҳоқов кашф мегардад.
Кашфи Саразм дар ноҳияи Панҷакент яке аз дастовардҳои маъмули даҳсолаҳои охири асри XX дар илми бостоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад. Саразм яке аз нахустин ёдгориҳои давраи ориёӣ - намунаи беҳамтои ин тамаддун дар Суғд мебошад.
Мероси умумибашарӣ - ёдгориҳои табиӣ ва иншоотҳои эъморгашта мебошанд, ки тибқи муқаррароти ЮНЕСКО вазифаи аввалиндараҷа ин нигоҳдорӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва экологии онҳо мебошад.
Дар солҳои 70-ум дар ҷумҳурӣ ҳангоми азхудкунии заминҳои нав ва корам кардани онҳо, хатари нестшавӣ бисёр аз ёдгориҳои ҷумҳуриро таҳдид мекард. Дар мавқеи ҷойгиршавии ёдгории Саразм, ки ҳанӯз олами илм аз он хабар надошт, низ азхудкунии заминҳои нав оғоз гардида буд. Деҳқонон ва аҳолии маҳаллӣ ҳангоми кор чизҳои атиқа, ба монанди кӯзаҳо, олоти биринҷӣ, ашёҳои ороишӣ ва ғайраҳо меёфтанд, вале касе аз онҳо дар бораи ин бозёфтҳо ба Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ хабар намедод. Танҳо як нафар аз аҳолии маҳалла, қаҳрамони Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ашуралӣ Тайлонов соли 1976 дар бораи табари биринҷие, ки 6 сол боз дар хонааш нигоҳ медошт, хабар дода буд (1, 3). Ва вақте, ки соли 1977 димнаҳои ин шаҳр аввалин маротиба аз тарафи бостоншиносон таҳқиқ карда шуданд, ин ҳангомаи ҳақиқӣ, бузургтарин кашфиёти аср дар илми таърих - бостоншиносӣ гардид. Боз деворхо ва бурҷҳои шаҳр, ки 5500 сол пеш нашъунамо карда сохта шуда буданд, рӯшноиро дид, ки ҳоло яке аз ёдгориҳои қадимтарин дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меранд.

Ин буд, ки барои ба ҷаҳониён нишон додани таърихи куҳани Саразм ва мавқеву мақоми он дар қатори ёдгориҳои қадимаи кишоварзии шарқ А. Исҳоқов ва дигар бостоншиносон дар як қатор ҳамоишҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон (1979 ва 1994), Вашингтон (1981 ва 1986), Париж (1985), Узбекистан (1983 ва 1987), Олмон (1992), Эрон (2003), Италия (2007) ва Африко (2008) маърӯзаҳои илмӣ намудаанд. Инчунин, як қатор монографияхо ва асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ки ба ин маҳалла бахшида шудааст, аз тарафи Исҳоқов А.И., Пянкова Л.Т., Эшонқулов У., Раззоқов А.Р., Бобомуллоев С. (аз Тоҷикистон), Безенвал Р., Франкфорт А.П., Лионе В., Казанова М. (аз Фаронса), Ламберг Карловский ва Колл Ф. (аз ИМА), Массон В., Кошеленко Г.А. (аз Россия) ва дигар олимон бо забонҳои гуногун нашр гардидаанд.(1, 4)
Нуъмон Неъматов - академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаррих ва бостоншинос навиштааст: "Шаҳраки Саразм бо маҷмӯи бойи меъмориву сохтмон бо иншоотҳои хоҷагиву рӯзгордории чаҳор давраи зистро чун маркази фарҳанги аҳди қадимаи кишоварзии болооби Зарафшон, ки бо фарҳанги Ҷанубу Ғарбии Осиёи Марказӣ ва Шарқи Миёна алоқамандии зич дорад, муаррифӣ менамояд" (1, 4).
Муаррих бозёфти сабади пур аз дастхати суғдиро, ки аз қалъаи Абаргари болои Кӯҳи Муғ асту онро соли 1932 чӯпон - Ҷӯраалӣ Муҳаммадалӣ дар деҳаи Хайрободи ноҳияи Айнӣ пайдо намуда буд, кашфиёти Саразмро саҳифаи дувуми таърихи ин сарзамин медонад. Он дастхатҳо пури ҳуҷҷатҳо ва навиштаҷоти суғдӣ, хитоӣ ва арабӣ буданд. Сабадчаи таърихӣ даст ба даст, шаҳр ба шаҳр гашта, аз назари суғдшинос А.А. Фрейман ва арабшинос И.Я. Крачковский гузашт. Маълум шуд, ки ҳуҷҷатҳои дарёфтаи марди одии бесавод хазонаи асрори пурқиматанд. Онҳо ҳуҷҷатҳои ҳокимони Панҷакенти Қадим буда, ба ибтидои садаи VIII тааллуқ доранд. Туфайли ин кашфиёт дар сарзамини мо кофтукови бостоншиносӣ дар соли 1933 бо экспедитсияи А.А. Фрейман оғоз ёфт. Аз ҳамон сол инҷониб ихтисосмандони зиёди соҳаи илми бостоншиносӣ сирру асрори суғдиёни водии Зарафшонро меомӯзанд (6, 8).
Ҷустуҷӯҳои мукаммал аз ин баъд оғоз шуданд. Ташаббускори он фарзанди барӯманди тоҷик, таърихшинос Бобоҷон Ғафуров буд. Соли 1946 бо роҳнамоии ӯ шарқшиносон А.Ю. Якубовский, А.М. Беленитский, М.М. Дяконов дар Тоҷикистон ба ҷустуҷӯҳои бостоншиносӣ пардохтанд.
Ин таҳқиқотҳо оламиёнро бо саҳифаҳои рангини таъриху фарҳанги пеш аз исломию арафаи исломии сокинони Мовароуннаҳр шинос кард. Ин халқ бо номи суғдиёну мамлакати онҳо ба номи Суғд машҳур аст.
Калимаҳои «Суғд» ва «суғдиён» қариб 3 ҳазор сол пеш арзи вуҷуд кардаанд. Ин аст, ки бозёфтҳои таърихии сеҳазорсолаи то соли 1977 дастрасгашта низ ибтидои тамаддуни суғдиён шуда наметавонанд. Зеро кашфиёти Саразм аз он беш, яъне қариб 6000 солро дар бар мегирад ва он оғози тамаддуни мардуми мосту ба мо бисёр асрорро мекушояд (5, 7).
Муаррих рӯзи 13-уми сентябри соли 1976-ро бо хабари як сокини одӣ, хокпоши деҳаи Авазалии ноҳияи Панҷакент Ашуралӣ Тайлонов, таъкид мекунад, ки дар ин рӯз ёдгории қадимтарини сарзамини имрӯзаи тоҷикон - шаҳраки Саразм - Саразм кашф шудаст.

Шаҳраки Саразм дар сарзамини Мовароуннаҳр ҳамтою ҳамзамони худро надорад. Аз ин рӯ, шаҳраки Саразм модари тамоми шаҳрхои байни дарёҳои Сиру Ому шуда метавонад. Зеро шаҳрҳои қадимтарини ин сарзамин: Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Истаравшан, Чуст ва даҳҳои дигар таърихи 3000 ё 2500 сола доранду Саразм зиёда аз панҷуним ҳазор сол пештар ташкил ёфтааст (5,7).

САРАЗМ - ҳоло ин номро дар аксар донишгоҳҳою марказхои бостоншиносии ҷаҳон медонанд. Зеро оид ба ҳафриёти он дар як муддати кӯтоҳ, тарзе ки баррасӣ шуда буд, зиёда аз 40 мақола ва 2 китоби мукаммал навишта шуданд. Аксари ин асарҳои илмӣ дар китобхонахои калони марказҳои бостоншиносии ватанамон ва дар давлатҳои хориҷӣ маҳфузанд ва ҳар як шахс, агар каме хоҳиш дошта бошад, метавонад бе мамоният бо мошини аксбардор барои худ онҳоро нусхабардорӣ кунад (1,51).

Ёдгориҳои бостонии сарзамини Тоҷикистонамонро таҳлилу баррасӣ намуда, ба хулоса омадем, ки шаҳраки Саразм қадимтарин манзилу маскани ниёгонамон маҳсуб мешавад. Баъдан, дар ин ёдгорӣ аввалин кишоварзону чорводорон, ҳунармандону меъморон дар тӯли зиёда аз 1500 сол зиндагӣ карда, касбу ҳунари худро ҳамҷониба рушд додаанд. Боз Саразм дар рушди тамаддуни мардуми Мовароуннаҳр, ки асоси сарзамини Осиёи Марказӣ мебошад, саҳми боризе гузоштааст. Ҳоло ҳар як далелу бурҳони мо аз бозёфтҳои сершумори осори сокинони Саразм маншаъ мегиранд.

Ҳар як қавму миллат дар ҷустуҷӯ сароғози таърихи худ мебошад. Мо тоҷикон ба туфайли шаҳраки Саразму осори моддӣ ва маънавии он сароғози худро дарёфт кардем, ки вай дар айни замон решаи беш аз 5500-сола дорад ва ин ҳақиқату ҳастии таърих мебошад.

Қайд намудан бамаврид ва боиси ифтихор низ ҳаст, ки ин  шаҳркадаи атиқаи сарзамини мо соли 2010 бо қарори иҷлосияи 34-уми Кумитаи байналмилалии мероси  фарҳанги ҷаҳонии ЮНЕСКО ёдгории бостонии кишвари мо тоҷикон ба феҳристи мероси фарҳанги ҷаҳонӣ бо номи Саразм дохил ва сабт гардидааст (1, 51)

Маҳз бо ҳамин ақида, муаррих А. Исҳоқов шаҳраки Саразмро – оғози тамаддуни тоҷикон номидааст ва дар ин гуфтанӣ комилҳуқуқ низ ҳаст.

Пеш аз он, ки ба далелу исботҳои аз шаҳраки Саразм бадастдаровардаамон рӯ оварем, лозим аст гӯем, ки дар таҳлилу таҳқиқи он мо ягон осори хаттию ривоятӣ надорем. Зеро дар замони арзи ҳастӣ доштани ин ёдгорӣ, ҳанӯз дар кишварҳои Шарқи Наздику Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла, дар Саразми водии Зарафшон алифбову хатнависӣ пайдо нашуда буд. Бо вуҷуди ин, мардуми ин кишвархо забони гуфтугӯиву муомилотӣ доштанд. Тӯрониёну Эрониён бо забони ягонаи ба ҳамдигар фаҳмо байни ҳамдигар муколама мекарданд.

Ин ақидаро мутахассисони соҳаи забон комилан тасдиқ намуда, забони қадимаи ин кишварҳоро «забони эрониёни қадим» меҳисобанд. Он далелу исботҳои хаттие, ки аз нахусткитоби ниёгонамон «Авасто» ва катибаҳои ёдгориҳои кишварҳои Шарқи Наздик, пеш аз ҳама, аз навиштаҷоти «Бесутун»-и шаҳри назди Кирмоншоҳи Эрони Ғарбӣ баррасӣ шудаанд, тасдиқи гуфтаҳои болоянд. Ҳарчанд он осор аз фарҳанги Саразм 2500 сол дертар пайдо шуда бошанд ҳам, онҳо қадимтарин осори хаттӣ ва забонии мардуми Шарқи Наздиканд. Ҳоло бостоншиносон ақидаи забоншиносонро, ки дар таҳлилу таҳқиқи он миқдори зиёди олимони ҷаҳон ширкат варзида, ба хулосаи ягона омадаанд, низ ҷонибдорӣ мекунанд.

Ба ақидаи муаррих А. Исҳоқов ҷонибдор шуда, мо метавонем иброз дорем, ки идомаи ҳафриёти шаҳраки Саразм рӯзе осори хаттӣ ва забонии ниёгонамонро ошкор месозаду мо мисли муҳаққиқони ёдгориҳои Миср,  Шумеру Аккад хат ва забони ниёгони асри биринҷиамонро равшан хоҳем намуд.

Саразм, - тибқи шарҳи суғдшиноси шинохта В.А. Лившис, маънои «Сари Замин»-ро дорад. Барои дастгирии шарҳи олими забоншинос зарур аст бигӯем, ки сокинони кӯҳистони Фалғар Саразмро - Саразмин талаффуз мекунанд. Метавон боварӣ ҳосил намуд, ки ин шакли тағйирёфтаи ҳамон Саразм мебошад. Аҳолии маҳалии гирду атрофи ёдгорӣ, онро Саразм мегӯянд. Барои равшан кардани мақсад гуфтанием, ки «Саразм ё Сари Замин ин на номи ёдгорӣ асту на номи деҳа, ин ном ба манзили васее хос аст, ки асосан, аз замини ҳамвор иборат буда, майдони он қариб ба 10 км2 баробар аст. Хато нахоҳем кард, агар гӯем, ки ин ибтидои замини Суғдиён мебошад. Модоме, ки аз Саразм то Бухоро танҳо ҳамворист ва он ҳамворӣ ба маънои пуррааш замини васеъ аст, ин ҷойро Сари Замин номидани аҷдодонамон дурусту ҳаққонист. Дар асл имрӯз аз Саразм сар карда, то баҳри Каспий (дар асри миёна Хазар меномиданд) дар пеш ягон кӯҳи баландеро намебинем» (1, 51). То саршавии Саразм бошад кас вақте ба тарафи болооби водии Зарафшон  назар меафканад, мушоҳида хоҳад намуд, ки дигар дараҳои танг  ҷой доштаву замини ҳамвору корам дар ин қисмати водӣ  хеле

кам буда, болооби водӣ то саргаҳи онро пурра кӯҳистон фаро гирифтааст.
Саразм ҳамчун ҷойном дар ягон манбаъҳои илмию таърихӣ дида намешавад, вале ин номвожа садсолаҳо дар забони мардум ифодакунандаи мавзеи паҳнои ин сарзамин будааст, тули асрҳо ва ҳазорсолаҳо аз даҳон ба даҳон гузаштаву то ба мо расидааст. Ва қудрати воқеии забон буд, ки ин номвожаи куҳанасл то имрӯз вирди забони мо гаштаву боқӣ мондааст.

Дар минтақаҳои куҳандиёри мо, ки аҷдодони ориёии мо маскун буданд, бо чунин ҷузъҳои ҷойномсоз, ки худ решаи алоҳида ва маънои хосро соҳиб ҳастанд, бисёр ҷойномҳоро вохӯрдан мумкин аст. Аз ҷумла, Хоразм, Хризм (маҳалла дар деҳаи Лангари Ҷ/д. Зонги н. Ишкошим), Возм (деҳа дар Поршневи Шуғнон), Шохиризм ва Тағизм (чарогоҳҳо дар Роштқалъа) ва ғ.
Муҳаққиқону мутахассисони варзидаи тоҷик, муаллифони китоби Фарҳанги номҳои ҷуғрофӣ (8. 181) ҷойноми Шохиризмро санги калони бодхӯрда ва ба маънои макони офтобӣ маънидод карда, маънои лӯғавии Возмро аз тоҷикии шарқӣ дар «канори замини шибар, сероб» овардаанд, ки решаи вожаи «замин» дар шакли қадимаю кӯтоҳи худ шакли «зм»-ро гирифтаву то имрӯз корбурд шуда, мавриди истифодаи ҷойнномҳои ҷуғрофиро ифода мекунад. Ба ин андешаву афкори ин муҳаққиқони Фарҳанги мазкур ҳамақида шуда, метавонем илова кунем, ки ҳатто «шохиризм» метавонад мафҳуми «замини офтобрӯяи калон» низ бошад. Зеро вожаи «шо//шоҳ» дар забони тоҷики имрӯз маънои калону бузургро низ ифода мекунад ва мо дар забонамон вожаву истилоҳоти «шоҳкоса - косаи калон» ва ё «шоҳроҳ» - роҳи бузургу азим»-ро дорем, ки бо ин вожа (шо//шоҳ) дар калимасозӣ бо чунин маъно низ фаровон корбурд мешаванд.
Агар номи Хоразмро мо дар сарчашмаҳои илмӣ-таърихии форсиву арабӣ бингарем (Xwārazm), ба мафҳумҳои гуногун маънидод мешавад. Аз рӯи этимологияи мардумӣ, ки дар манбаъҳои асрҳои X сабт гардидааст, Xwār - гӯшт (ар. лахм) ва r z m – чӯб (ар. hatab). Маънои аслии ин номвожа аз мафҳуми «хамии замин» бармеояд, зеро ҷузъи zmi дар шакли форсии бостон HuwarāzmiŠ ва дар шакли форсии миёнаву наваш zamin замин»-ро мефаҳмонад ва Xwār дар форсии нав маънои «хамӣ, пастхамӣ»-ро ифода мекунад. Баъзе аз муҳаққиқон Xwār-ро аз хуршед дониста, маънои Хоразмро кишвари баромади офтобаш мехонанд. Ва муҳаққиқ Боголюбов М.Н. чунин ақида меронад, ки ин номвожа аз шакли эронии қадим hu-wa-razam буда, кишвари барои чорво мутобиқро мефаҳмонад. Хеннинг В.Б. тахмин мекунад, ки Хоразм аз авастоӣ буда, замини ориёиёнро мефаҳмонад. Ва «Готҳо»-и Авасто низ тавре ӯ қайд мекунад, чун дар минтақаи Марви Ҳироти Хуросони Шимолӣ навишта шудааст, он ба сарзамини Хоразм тааллуқ дошт. (9, 28-37).
Чун Хоразм мафҳуми ховарзамин. Яъне замини офтобиро фаҳмонад, пас ба маънои аслии Саразм ва пайдоиши ин ҷойном хоҳем ақида ронд.
Саразм чун равшан аст, дар сарчашмаҳои таърихии асримиёнагии мо қариб ки ҳамчун ҷойноми ифодакунандаи номи маҳалли аҳолинишини алоҳида вонамехӯрад. Ва ин номвожа асрҳо инҷониб, ифодакунандаи номи мавзеи кушоду барҳаво ва ҳамвореро ифода мекард, ки он дар забони мардуми бумии минтақаи имрӯзаи Ҷамоати деҳоти Саразми шаҳри Панҷакент (водии Зарафшон)-и вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ мебошад.
Одатан, таҷрибаи рӯзгор ва ривояти мардумони рӯзгордидаву фарҳангиро ба назари эътибор гирифта, метавон чунин андеша ронд, ки мардумони бумии минтақаҳои мо бо таъсири хурофот баъзан тарки манзил ва ё маҳал низ мекарданд. Ва гӯё эшон вақте мубталои ғорату харобкориҳо ва хунрезиҳои душманони аҷнабӣ мешуданд, аз макони зисти худ дур гашта, ҷойи дигар ва муносибтареро интихоб мекарданд. Тибқи ривояту нақлҳои калонсолону мардумони таҳҷойӣ ҳамин гуна боисҳо исбот бар онанд, ки бисёре аз шаҳру деҳкадаҳои ин водӣ зери хок мондаву ба теппаҳо бадал гардидаанд. Худи Панҷакенти Қадим, Наврӯзтеппа, Қалъаи Санҷаршоҳ ва Саразми Бостон исботи чунин андеша буда метавонад, ки баъди як офату нобасомонӣ ва ё оташсӯзиву хунрезиҳо ва ҷангу ғоратгариҳо мардумон бехонаву дар шуда, манзили худ ва маҳалли худро иваз мекардаанд. Бо вуҷуди ин ҳама гирудорҳо, мардум дар ҳар сурат номи мавзеву маҳал ва шаҳру деҳкадаҳои ба харобазор бадалгашта ва балозадашударо ном мебурданд, ки ҳамин номи Саразм низ то кунун вирди забонҳо буду имрӯз аз нав ҳамчун номвожаи маҳалли аҳолинишин маъмулу номнавис шудааст. Дар ин мавзеъҳои аз назари мардуми маҳаллӣ ва бумӣ дурмонда дар миёнаҳои дувуми асрҳои 18 қабилаҳои кӯчманчии туркнажоди бо номи тюяқлҳо (Андреев // рӯзномаи «АваС», соли ….) омадаву ин ҷоро интихоби зист мекунанд. Ва номи қадимаи ин мавзеъ чун дар забони мардумони бумӣ боқӣ монда буд, роиҷ гашту то имрӯз бо ин ном Саразм мехонандаш, ки акнун тибқи далоили муҳаққиқони бостоншинос ин мавзеъ ва ин ин макон таърихи беш аз

6000-сола дошта, макони аввалини зисти мардуми ориёист.
Аслан номвожаи Саразм аз ду реша (сар ва замин) ташаккул меёбад, ки он маънои сари замин//оғози заминро мефаҳмонад.
Дар забоншиносии эронӣ вожаи «сар» чунин маъниҳоро медиҳад: «сар /sar/ калла, роъис … тос бӯй до д ва гуфт аз он ҳавз тосӣ чанд бар сари ман об фурӯ рез (Туркилллоҳ Таноб 9/385) sarah- «сар», қиёси санскрит: sĺras сар, калла, қулла, siro-grÏva сару гардан, a-sirsaka- бесар, Širs-akti «дарди сар, сардард» муштақанд аз ҳиндуурупоӣ: ker1. (дар канор – kerə , kra- kerei-) сар, калла, шох, қулла, ситеғ; аз ҳамин калима аст юнонӣ: kápä «сар» лотинӣ: cerebrum «муғ, мағз» олмонии куҳан: hirn (Í) (< олмонии нав: Hirn «муғ, мағз»), арманӣ: sar «иртифоъ, баландӣ , қулла»
Дар муқоиса бо авастоӣ sarah- «сар», форсии миёнаи турфонӣ ва портӣ sr- , [sar]- «сар, роис, оғоз», суғдӣ -sr «сар», (< авастоӣ: - sarah-), srcy «аввал, нахуст, сар», srcyk «сарвар, меҳтар»-ро ифода карда, сарчик, хоразмӣ: sr sr «сар», дар sr p:sr nyθr «сар ба сар», паштунӣ –сар, калла омадааст (2, 1715-1716).
Дар бобати маъникушоии ҷузъи «зм», ки кӯтоҳшудаи «замӣ //замин» аст, М. Ҳасандӯст (2, 1577-1578) инвожа дар Бурҳони қотеъ чунин дода шудааст: «мухаффафи замин аст, ки ба арабӣ арз хонанд» (Бурҳони қотеъ); сибос мар эзидро, ки офаридгори замӣ ва осмон аст (Ҳидоят-ул-мутаъаллимин ). Фазл дорад чу фалак бар замӣ аз фахраш, Санги даргоҳаш бар лаъли Бадахшонӣ (Н. Хусрав 44/437). …. Дар форсиии миёна zamÏk < эронии бостон: zam замин (бо пасванди –ик). zamÏk аслан сифат аст, ки корбурди исмӣ ёфтааст (ниг.: Eilers VSMO 12 Anm/ 13). Ин вожаро метавон дар забони санскрит низ қиёс кард: ksam «замин», jma «замин», муштақанд аз ҳиндуурупоӣ: ghem-/ ghom- (дар канор - ghoem /-ghoom ) «замин» ва аз ҳамин калима дар забони юнонӣ: XӨwv замин, бум; дар лотинӣ: humus бум, замин, hominis «инсон, башар» дар русӣ: zemlya хок, замин, zmiea zmĺya мор, дар литвониёӣ: zeme литуниёӣ: zeme, замин, албониёӣ: dhe замин, dhemje ҳазорпо»-ро дарёфт, к ибо ҳамин маънӣ меоянд (Pokorny IEW 414f,…) . Низ қиёси авастоиро метавон иқтибос кард: zam «бум, замин», zemare>. zamare (қайд) «дар замин, зери замин», -zemar-guz ва zamare-guz дар замин пинҳоншаванда . зеризамин хазанда», upasma- зери замин зиянда, зери замин дар мағок зиянда (дар бораи ҳайвонот) (upa+zam->) nisma- «умқ, жарфо, гавдӣ» (аз ni-zam аслан, тӯрафтагии замин»), abairi zema зери замин зиянда, (<-abairi+zam) upairi-ztma рӯйи замин зиянда (Barthokomae AiW 58,395,396,1086, 1662, 1665) (2, 1577-1578).
Ин вожа дар форсии миёнаи турфонӣ ва портӣ: дар шакли zmyg [zamÏg] замин, хок, ҷаҳон; сарзамин, бум (Boyce MMPP104, Durkin-Melsterernst DMMPP 382) омада, дар суғдӣ «замин», ва қиёси авастоӣ: ҳолати фоилӣ (nominative case=) дар шумори муфрад яғнобӣ: zoy «замин» (Gershevitch GMS 1218, Bailey DKS 346) аст (2, 1577-1578).
Ҳамчунин, ин вожаро дар забони сакоӣ дар шакли yzama «замӣ, замин», (<-zama) дар yzama-ssandaa ҷаҳон, кайҳон ва шояд uysma –«замин, хок, гил» (< u-zma бо пешванди u- (Bailey, Studia Orientalia 47/1977 21, M DKS 345f) ва дар хоразмӣ дар шакли zym «замин», осӣ: zæxx, zænxæ «замин», (zam-ka->) (Abaev IEO IV/307) ва дар паштунӣ ба шакли zmeka «замин», дар ядғӣ ба шакли zaxmo «замин, киштзор», дар шуғнӣ zimc дар сарикӯлӣ: zimc, zemc, дар язғуломӣ: zamc «замин, кашмон», дар хуфӣ zimar-wux гоҳе, ки аз ғалла ва ҳабубот бар ҷой монад» (суратҳои ахир зоҳиран бар асари идғоми ду луғати авастоӣ: zemaba ва zamare падид омадааст) (Morgenstierne EVShG 108), дар балучӣ ба шакли zamik, ва дар сурха дар шакли zam, дар курдӣ бошад дар шакли zawi, zavi (-m -> -w-/-v-) «замин» оварда шудааст, ки ҳама як мафҳум, яъне заминро ифода мекунанд. (Varman-Asatrian WIDM I/83) (2, 1577-1578) (2, 1577-1578).
Вожаи «замин» бошад, дар забонҳои эрониии бостон (zamaina) заминӣ, хокӣ маънӣ дода, «замӣ»-ро ифода кардааст ва дар авастоӣ низ (zamaena) заминӣ, хокӣ мебошад (Bartholomae AiF 1690) (2, 1577-1578).
Таҳлилу баррасии номвожаи Саразм дар муқоиса бо забонҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ аз рӯи маънои решагии худ мафҳуми «сари замин, оғози замин»-ро ифода мекунад ва равшан аён аст, ки ин номвожа бо дарназардошти мафҳуми ҷуғрофии худ дар ҳақиқат сари замини бекаронро ифода мекунад, ки он баъди тамомшавии кӯҳу пуштаҳо оғоз меёбад ва ба дарозову паҳнои водӣ қад мекашад. Боиси зикр ва таъкид аст, ки ин номвожа аз қадим таърихан ба ин мавзеи минтақаи Панҷакент ном бурда шуда, то имрӯз боқӣ мондааст, ки имрӯз ин номвожаи бо рӯнамоии мавқеи ҷуғрофӣ ва макони таърихиву тамаддуннамоӣ эҳёгари тамаддуни қавми мо ориёнажодон мебошад.
Ҳамчунин, дар мафҳуми ин номвожа метавон тахмин кард, ки эҳтимол ин номвожа аз «сар» ва «зам» бо маънои дигартар пайдо шуда, мафҳуму маънои макон ва ё хоку буми сарҳоро ифода

кунад, ки ин қавм дар номвожаи Сир//Сар (Сардарё) ва калимаи «сарт» нуҳуфта боқӣ мондааст, ки таҳқиқоти алоҳида ва амиқро талаб мекунад.
Имрӯз бо корбурди номвожаи таърихан куҳани ориёӣ – Саразм мо дар таърихи ҳастии башарият деҳшаҳри асрҳои сангу мису биринҷиро ба оламиён муаррифӣ мекунем, ки бо ин ҷойном минтақаи Саразми дар ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз мелод ташаккулёфта пеши назар меояд. Саразм маскани нахуст ва бостонии шаҳрнишини мардумон дар сарзамини Вароруд буда, суғдиёни он халқи маскун ва қадимтарини водии Зарафшон маҳсуб мешаванд.
Кофтукофи Саразм моро водор мекунад, ки таърихи Панҷакенти Суғдро дурусту амиқ биёмӯзем ва тамаддуни ориёии бостони худро бо ин номвожа – Саразм муаррифӣ кунем, ки дар маъхазҳои то милодӣ дар натиҷаи даргириҳои таърихӣ сӯхтаву аз байн рафта буд, вале номи он номи он, ки ба худаш арзанда асту хусусияти ҷуғрофӣ ва табиии маҳалли мазкурро ифода мекард, дар забони мардумони он боқӣ монду аз қарни асрҳо забони моро ва меҳани моро зинда нигоҳ дошта меояд. Ва дар тафсиру шарҳи ин номвожа дигар ҷойи баҳс ҳам нест. Саразм сари замин аст.

Адабиёти истифодашуда:

1. Исҳоқов Абдуллоҷон. Саразм - оғози тамаддуни тоҷикон. / А. Исҳоқов. –Душанбе, "Дониш" 2018, - 280 саҳ.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе. «Нашриёти Ганҷ», 2016, -136 саҳ.
3. Муҳаммад Ҳасандӯст. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. Ҷ.II. /М. Ҳасандӯст. Теҳрон: Осор, 1393, -2080 саҳ. (2, 1715- 1716)
4. Поселение Саразм. – Древности Таджикистана: Каталог выставки. / Поселение Саразм. – Древности Таджикистана,
–Душанбе: Дониш, 1985. - С.32 - 35;
5. Раззоқов А. Саразми Панҷакент 5500 сол. /А. Раззоқов.
–Душанбе, 2002. - С. 7.
6. Раззоқов А.Р., Бобомуллоев С. Таърихи бостоншиносии саргаҳи Зарафшон. / А. Раззоқов. С. Бобомуллоев –Душанбе, дониш, 1997. - 35с;
7. Саразм. - Таджикская Советская Энциклопедия, том 6. / Саразм
–Душанбе, СИ ЭСТ. 1986. -591с.;
8. Фарҳанги номҳои ҷуғрофӣ. / Фарҳанги номҳои ҷуғрофӣ.
–Душанбе: 2019, 280 саҳ.
9. Хромов А. Хорезм в древнеиранских и среднеиранских письменных источниках./ Мухаммад ал Хоразми в мировой истории и культуре. //А. Хромов. –Душанбе «Дониш», 1983. -220 саҳ. (саҳ. 28-37).
10. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии ҶТ (26.12. 2018). / Э. Раҳмон.
–Душанбе, «Шарқи Озод», 2019, -44с.
11. http://www.ru.wikipedia// [1] Саразм - Всемирное наследие ЮНЕСКО.
Шарҳи як номвожаи суғдӣ – Саразм

Дар мақола сухан дар бораи таърихи пайдоиш, таҳаввул, корбурд ва маънои луғавии номи ҷуғрофии Саразм меравад, ки дар муқоиса бо сарчашмаҳои имлию адабӣ ва гӯйишҳои мардуми таҳҷойии водии Зарафшон, инчунин, таҳқиқотҳои бостоншиносону забоншиносон баҳсҳои илмӣ ҷиҳати мафҳуми ин номвожа ва асрори маънои он кушода мешавад.
Дар давраҳои муайяни таърихӣ таҳқиқ шудани ҳафриёти бостонии Саразм, ифода гардидани номи мавзеъ то имрӯз ва ҳамчун номи ҷуғрофӣ ифодакунандаи номи як шаҳркадаи таърихӣ вуҷуд доштани номвожаи Саразм дар мақола мавриди баррасӣ дода шуда, бо далелҳои дуруст ва дақиқ аз осори адибону муаррихон оид ба таҳлилу таҳқиқи маънои асливу мафҳуми дурусти ин ҷойном назару андешаи илмӣ пешниҳод мегардад, то маънои лӯғавии номвожаи Саразм дар шакли аслиаш мавриди истифодаи умум қарор дода шавад.
Калидвожаҳо: номвожа, суғдӣ, Кӯҳи Муғ, Саразм, Саразмин, Хоразм, Хризм, Тағизм, Панҷакент, водии Зарафшон, Самарқанд, асри сангин, Абдулло Исоқов, тамаддуни тоҷикон, Суғд, Мовароуннаҳр,

Толкования один из согдийских
топонимов – Саразм

В статье рассматриваются истории возникновения, развития, употребления и лингвистические значении географическое наименовании Саразм, который сопоставляя на основе научно-литературном и дилектов Зеравшанской долины, а также исследовании историков- археологов и лингвистов расскрываются  научные споры о значений понятие вопросов и  семантике этого топонима.
Следовательно рассматриваясь в определенные исторические периоде осуществлении этого топонима в исконных как названия географического объекта и сегодня обозначая исторического топонима населенного пункта представляется точные и правильные фактов из научных источников мнение историковедов, ученных, чтобы получить  истинную информацию и  сведении о топониме Саразм и правильное использовании настоящего ойконима.

Ключевые слова: топоним, согдийский, Гора Муг, Саразм, Саразмин, Хоразм, Хризм, Тагизм, Пенджикент,  Зеравшанская долина, Самарканд, каменный век, Абдулло Исаков, таджикская цивилизация, Согд, Мовароуннахр.
Interpretation of one of the Sogdian toponym – Sarazm

Here in this article, we are going to talk about the origins, development, the way of using and also the geographical meaning of Sarazm’s name, which is explained in compare to scientific and literature sources and from the legends of people living in Panjakent, Zerafshan valley, as well as based on the archaeologists and linguists researches and scientific discussions.
During the certain historical stages, old excavation express as the name of the object, nowadays as exit geographical name of historical city toponim Sarasm was considered and different scientific opinions in accordance with correct and accurate evidences from the original literature of the historians it is proposed that the title Sarazm shall be used in the original form.
Keywords: wordname, soghdian, Mugh Mountain, Sarazm, Sarazmin, Khorazm, Khrizm, Taghizm, Panjakent, Zerafshan valley, Samarqand, stone Age, abdullo isakov, Tajik civilization, Sogd, Movaroennahr.

Маълумот дар бораи  муаллиф: Зулфониён Раҳим Раҷабзода – Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизматчии давлатӣ, унвонҷӯйи Донишкадаи давлати забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
Нишонӣ: 734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Помир, 20, Тел.: 92 721 53 46. E-mail:  Zulfonov64@mail.ru [2]

Сведение об авторе: Зулфониён  Рахим Раджабзода – Комитет по языку и терминологии при Правительстве Республики Таджикистан, государственный служащий, соискатель Государственного интститута языков Таджикистана имени Сотима Улуғзода.
Адрес: 734013,  Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Памир, 20. Тел.: 92 721 53 46.
E-mail:  Zulfonov64@mail.ru [2]

About the author:  Sulfoniyon Rahim Rajabzoda - The Committee of Language and Terminology by the Government of the Republic of Tajikistan civil servant, applicant for the State Institute of Languages of Tajikistan named after Sotim Uluzoda.

Address: 734013, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Pamir, 20. Tel .: 92 721 53 46.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [3]
- Мақолаҳо [4]

---

**Манбаъ::**https://www.kumitaizabon.tj/tg/content/sharkhi-yak-nomvozhai-sugdi-sarazm?mini=2026-07&page=3

**Пайвандҳо**
[1] http://www.ru.wikipedia// [2] mailto:Zulfonov64@mail.ru [3] https://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [4] https://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BC%D0%B0%D2%9B%D0%BE%D0%BB%D0%B0%D2%B3%D0%BE